ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)) пешниҳод шудааст

Таҳқиқоти диссертатсионии Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи диссертант дар масъалаи ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабиро дар равандҳои таълимӣ дар назар дорад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он аст, ки он дар марҳалаи муосири тараққиёти ҷамъият масъалаи умумиҷаҳонии таълиму тарбияи экологӣ ба миён омадааст. Мақсади асосии тарбияи экологии кӯдакони синни томактабӣ ин ташаккул додани маърифати экологӣ дар асоси консепсия мебошад. Огоҳии муҳити зист муносибати эмотсионалии кӯдакон, амалҳои амалӣ ва рафтори табиатро дар бар мегирад. Дониш ва маърифати экологии азхудшуда фаҳмиши кӯдаконро дар бораи арзиши табиат ва ҳаёт, малакаву маҳорат дар муносибат бо табиат, рафтори аз ҷиҳати экологӣ салоҳиятдор дар табиат ва масъулият дар назди табиатро ташаккул медиҳад.

Қайд гардидааст, ки муносибати инсондӯстӣ, яъне муносибати бошуурона, дуруст, дилсӯзӣ, шуури экологиро нисбат ба табиат дар кӯдакон аз синни хурдӣ тарбия кардан лозим аст, ки он ҳамчун раванди муттасили воридшавии шахс ба низоми муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳамзамон ҳамчун натиҷаи азхудкунии арзишҳо, меъёрҳо, идеалҳо ва намунаҳои рафтори ҷомеа баррасӣ мешавад, ки шахсиятро ҳамчун узви пурқимати ҷомеа шакл медиҳад.

Ҳадаф аз андешаҳои дар боло ироашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ мебошад. Довталаби дараҷаи илмӣ дуруст қайд мекунанд, ки усулҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди

шиносӣ бо табиати Тоҷикистон, ки тавассути илмҳои педагогӣ пешниҳод шудааст, хусусияти бонизомии фаъолияти мавҷуда ва равиянокии онро ба ҷаҳони ниҳоии таълиму тарбия - ташаккули ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдаки синни томактабӣ дар ҷанбаи иҷтимоию фарҳангии ҷомеа инъикос мекунад.

Ба таври кофӣ мавҷуд набудани меъёрҳои сифатии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ низ дида мешавад, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар сатҳи зарурӣ коркард, таҳия ва барои дифоъ пешниҳод шудааст, ки ин метавонад дар оянда заминаи беҳтаре барои ташаккули маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ бошад. Кори диссертатсионӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва ба таври мукаммал таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Дар баробари ин, довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқиқу таҳлили масъалаҳои муҳимеро вобаста ба мавзуи диссертатсия ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо ба қадри имкон дастёб гаштааст:

- раванди ташаккули маърифати экологӣ дар синни калони томактабӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои асосии педагогӣ ҳамаҷониба таҳлил карда шудааст;

- метод ва усулҳои самарабахши таълим, инчунин воситаҳои дидактикии ташаккули асосҳои маърифати экологӣ дар асоси истифодаи муҳити табиати Тоҷикистон муайян ва истифода шуданд;

- шароитҳои педагогии инкишофи самарабахши асосҳои маърифати экологӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ дар ҳамкорӣ бо МТТ бо оила татбиқ гардиданд;

- амсилаи педагогии «Ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон», ки аз ҷузъҳои - таъмини муҳити ашёӣ-рушддиҳанда; рушди зеҳнӣ, эҳсосӣ ва арзишӣ; инчунин рушди муошират ва эҷодкорӣ иборат аст, дар ҳамкории МТТ бо волидон иборат мебошад коркард ва татбиқ гардидааст;

- «Барномаи кории «Табиат хонаи мост. Қадамҳои аввалин ба олами экология» бо назардошти ҳамгироии машғулиятҳои таълимӣ, сайругашт, саёҳат ба табиати Тоҷикистон бо истифода аз асарҳои адабиёти бадеӣ, бозиҳои миллӣ, одату анъанаҳо мураттаб ва мавриди санҷиш қарор ёфтааст.

- натиҷаҳои бадастомада дар таҳияи барномаҳо ва воситаҳои таълимӣ оид ба тарбияи экологӣ дар МТТ мавриди истифода қарор ёфтааст.

Автореферат мувофиқи талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст.

Аз ин рӯ, бо боварии том метавон таҳқиқоти илмии Яҳёзода Ғолиб Яҳёро кори анҷомёфта ва дорои арзиши илмию назариявӣ ва амалӣ ҳисобид.

Хулоса, кори таҳқиқотии Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)) ба талаботи Низомнома оид ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)) мебошад.

Доктори фалсафа (PhD) - доктор
аз рӯйи ихтисос, муовини декан
оид ба илм ва инноватсияи
МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Давлатбекзода В.Д.

05.06.2026

Имзои В.Д. Давлатбекзодаро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Исхокзода М.М.

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 735140. Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Тел.: (+992) 3233-25481; Моб.: (+992) 931587579.
Email: vays.rajabov@yandex.ru